**ХУЛОСАИ**

**Шурои̣ диссертатсионии 6D.KOA-O19-Н назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори Шурои̣ диссертатсионӣ аз 16 декабри соли 2023, таҳти №38, бораи сазовор донистани Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна, шахрванди Ҷумхурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи: «Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 30 сентябри 2023 сол, суратмаҷлиси №33 аз ҷониби Шурои̣ диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои̣ диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарачаи илмӣ Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна 23 - уми ноябри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2018 то ба ҳол ба ҳайси ассистента кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зидди коррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2020 то инҷониб унвончуи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгохи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия–Тоҷикистон;

– **Қурбонзода Беҳруз Шариф** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ.

**Муассисаи пешбар:** «Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос:12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семнари васеи илмӣ-назариявӣ, Котиби Шурои олимони Академияи ВКД ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия, Абдурашидзода А.А. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД ҶТ, подполковники милитсия Аҳёзода

Ш.Т., имзо ва аз ҷониби, Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шарифзода Ф.Р. санаи 17.11.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 1 монография, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I.Монография**

1. Ғафорова, Ш. А. Таҳқиқоти криминологии зуроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова. Монография. – Душанбе, 2023. – 207 с. ISBN 978-99985-41-21-1.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

2. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2020.-№1.-С. 217-221. ISSN 2413–5151.

3. Ғафорова, Ш.А. Намудҳои зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2020. – №9. – С. 348-351. ISSN 2413–5151.

4. Ғафорова, Ш.А. Зӯроварии оилавӣ ва ё зӯроварӣ дар оила? [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.Қ. I. – Душанбе, 2020.-№10. -С.245-249. ISSN 2413–5151.

5. Назаров, А. Қ., Ғафорова, Ш. А. Омилҳои криминологии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила [Матн] / А. Қ. Назаров, Ш. А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қ. II. – Душанбе, 2021.-№3. –С.210-216. ISSN 2413–5151.

6. Назаров, А. Қ., Ғафорова, Ш. А. Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила [Матн] / А. Қ. Назаров, Ш. А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2021.-№6. –С. 211-217. ISSN 2413–5151.

7. Ғафорова, Ш. А. Солимии оила ҳамчун усули пешгирикунандаи ҷинояткорӣ [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Қонунгузорӣ, маҷаллаи илмӣ-таҳлилӣ- Душанбе, 2021. №2 (42). –С.102-105. ISSN 2410-2903.

8. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили виктимологии қурбониёни хушунати оилавӣ [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Қонунгузорӣ, маҷаллаи илмӣ-таҳлилӣ-Душанбе, 2021.№3 (43). –С.121-125. ISSN 2410-2903.

9. Ғафорова, Ш. А. Мушкилоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии зӯроварӣ дар оила нисбати занон ва ноболиғон [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Гузоришҳои

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Душанбе, 2021.-№4 (016). –С.166-169. ISSN 2070-2569.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

10. Ғафорова, Ш. А. Проблемаҳои криминологӣ-ҳуқуқии хушунати оилавӣ [Матн] /Ш.А. Ғафорова // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ бахшида ба солгарди қабули Эъломияи ҳуқуқи башар ва Рӯзи байналмиллалии муқовимат бо коррупсия «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеъият ва дурнамо» (03 декабри 2021) – Душанбе, 2022. –С.308-316.

11. Ғафорова, Ш. А. Сироят кардан ба бемории вируси норасоии масунияти одам, ҳамчун шакли зуҳури зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маҷаллаи байналмиллалии илмию амалӣ «Endless Light in Science» (21 ноябри соли 2022) - Алмаато, Қазоқистон, 2022.-С.34-39

12. Ғафорова, Ш. А. Сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маҷаллаи байналмиллалии илмию амалӣ «Endless Light in Science» (17 декабри соли 2022) - Алмаато, Қазоқистон, 2022. -С.139-143

13. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили криминологии динамикаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» (09 декабри соли 2022) –Душанбе: ДМТ, 2022. –С. 361-367.

14. Ғафорова Ш.А., Назаров А.Қ. Таҳлили криминологии монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ, ҳамчун зуҳури зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова, А.Қ. Назаров // Международный научно-практический конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвешшенной 115-летию Академика Бободжона Гафурова (28-29 апреля 2023 года).-Душанбе, 2023. -С.33-39

**Ба авторeферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурой диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

–**Аминова Ф.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва хуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон;

–**Миралиев С.А.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр карда шудааст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия дар замима лоиҳаи қонун дар самти мубориза ба муқобили зӯроварӣ дар оила пешниҳод карда мешуд, пешниҳод намудани чораҳои ҳуқуқӣ ва ҳам техникии пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила, гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ва ғайра.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои *61-10* ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расми ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илми дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: масъалаи зӯроварӣ дар оила аз нуқтаи назари криминологӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи

диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** хусусияти хоси як қатор ҷиноятҳо дар алоқамандӣ бо зӯроварӣ дар оила таҳлил гардида, зарурати ҷудо кардани онҳо ба таркибҳои махсусе, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз дигар навъи ҷиноятҳо фарқ мекунанд, пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** сабабу шароитҳое, ки ба содир намудани ҷинояти зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, рӯҳӣ ва маънавӣ бархӯрдор мебошанд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва рӯҳӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, таҳрифи шуури ҳуқуқӣ ва ғайра), аммо омилҳои мушаххаси тарбиявӣ (ҳолати рӯҳӣ дар оила, тарзи ҳаёт, майзадагӣ, нашъамандӣ ва ғ.) ба шахсияти ҷиноятkори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

– **ҷорӣ намудани:** меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятkорӣ, ки аз маҷмуи усулҳо ва воситаҳое иборат мебошанд, ки ба рафъи сабабҳои содир намудани ҷиноят ё мушаххасан барои аз байн бурдани ҷиноятҳои бо зуҳуроти мазкур пайдошаванда нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмии мафҳуми криминологии муқовимат ба зӯроварӣ дар оила поя гузошта, он барои такмили таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои ҳуқуқиву ҷиноятӣ ва криминологӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи шахс аз зӯроварии хешу табор ва дигар аъзоёни оила замина фароҳам меорад. Инчунин натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифода шаванд; дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии оила ва аъзоёни онро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а самаранок ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, назарияи гендерӣ, инчунин, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи

ҷиноятӣ, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ), ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ, таҳлили системавии сохториву гендерӣ истифода бурданд.

– **баён шудани** мафҳуми зӯроварӣ дар оила ва дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оморӣ намудҳои зӯроварии оилавӣ ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда шудааст;

– **ошкор гардидани** хусусиятҳои асосии зӯроварӣ дар оиларо бо дарназардошти омилҳои криминологӣ ба зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ки аксаран нисбати занон, ноболиғон ва кӯдаки аъзои оила содир карда мешавад;

– **омӯхта шуданд:** дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, аломатҳои ҷабрдидагони (қурбониёни) ҷинояти зӯроварӣ дар оила - ҳолати виктимии хашмгин дар оила; ҳолати виктимии фаъол дар оила; виктими ғайрифаъол дар оила;

– **аз нав такмил додани** субъектони муқовимат бо зӯроварӣ дар оила бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин, аз рӯи самти ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои оила, занон ва кӯда-кон, Шурои ҳамоҳангсозанда оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таъсис дода шавад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифода шаванд, инчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии оила ва аъзоёни онро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки самти асосии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бояд рушди низоми кумаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва хизматрасонии иҷтимоии барои ҳама дастрас дар ин самт эътироф карда шавад. Дар баробари ин, субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила бояд аз чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ истифода баранд;

– **офарида шуд:** барои пурра фаро гирифтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан чорабиниҳои пешгирикунанда барои беҳтар намудани вазъи оила бо дарназардошти муайян кардани оилаҳои носолим, ташхиси мушкилоти дар оила, татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои муътадил намудани микромуҳит дар оила ва андешидани чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ нисбати шахсоне, ки дар оила ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷинояти хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд.

– **муаррифӣ карда шуд:** чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо пешниҳод кардан мумкин аст – чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд; чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила; чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ; чораҳои таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди такрорсодиршавии зӯроварӣ дар оила, ба субъектҳои пешгирӣ самтҳои асосии фаъолияти пешгирикунанда пешниҳод карда шудаанд;

– **ғоя асоснок шудааст:** натиҷаи омӯзиши муҳтавои «зӯроварӣ» ва мафҳуми овардашуда муаллиф намудҳои зӯроварии оилавиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: - зӯроварии ҷисмонӣ; зӯроварии рӯҳӣ (эҳсосотӣ); зӯроварии шаҳвонӣ; зӯроварии иқтисодӣ;

– **истифода шудаанд:** бо дарназардоштӣ хусусияти умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштанашон, мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо дар умум ва намудҳои мушаххаси он, ба гурӯҳҳои ҷудо намудан мумкин аст;

– **муайян шудаанд:** чораи умумикриминологии зӯроварӣ дар оиларо чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ташкил медиҳанд, ки қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии дар вобастагӣ ба самти мубориза бо пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила қабулгардида бояд пурра ба пешгирии ин муносибатҳо равона гарданд;

– **истифода карда шуданд:** аз таҳлили амалияи тафтишӣ муайян карда мешавад, ки зӯроварӣ дар оила, бо дарназардошти моддаҳои муқаррааргардида, дар солҳои 2010-2022 3921 ҳолат содир гардида, нисбати занон, баъдан ноболиғон ва миқдори ками онҳо нисбати мардон содир гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти криминологии зӯроварӣ дар оила асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 16-уми декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 13 нафар, мукобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Гадоев Б.С.**

16 декабри соли 2023